ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар мавзуи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ – бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

1. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки зарурати амалигардонии мақсаду вазифаҳои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ – эҷодии кӯдакон бо истифодаи бозиҳо кормандони муассисаҳои томактабӣ исбот карда шуд, инчунин имкониятҳои истифодабарии бозиҳои халқӣ, фолклори бачагон, мусиқӣ шеъру таронаҳои кӯдакона фаъолиятҳои якҷояро дар таълиму тарбия, эҷодкорию иҷтимоишавии кӯдакон нишон дода шуд. Давраи томактабӣ, ки яке аз давраҳои мувофиқтарин барои тарбия ва ташаккули сифатҳои равонӣ ва зеҳнӣ, ирода ва ахлоқи кӯдакон эътироф шудааст, поягузории шахсияти инсон ба ҳисоб меравад. Вай дар тарбия ва таъмини инкишофи маҳорати қобилиятҳои эҷодии кӯдакон нақши муҳим мебозад. Барои ҳалли ин масъала бояд ба санадҳои меъёрҳои ҳуқуқии соҳаи тарбияи томактабии кӯдакон ва рушди минбаъдаи ҳамаҷонибаи неруи эҷодӣ, инчунин қобилиятҳои бадеии онҳо такя кард.

Санъати мусиқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тарбия ва такмилдиҳандаи қобилияти эҷодӣ ва зебоипарастии кӯдакон буда, он манбаи некӣ, зебоӣ ва ҳамоҳангии эҳсосот аст. Рушди қобилиятҳои мусиқӣ яке аз вазифаҳои асосии таълим ва тарбияи мусиқӣ мебошад, зеро синни томактабӣ як вараҷи тозаи мусиқӣ мебошад, ки он суруди эҳсосот навишта мешавад ва ин давраи мусоидтарин барои ташаккули ҷанбаҳои бунёдии эҷодиёти мусиқӣ ба ҳисоб меравад.

Дар заминаи таҳлилу коркарди натиҷаҳои корҳои озмоишӣ тавсияҳои психологӣ, педагогӣ таҳия ва коркард шуданд, ки онҳо ба беҳдошти раванди корҳои таълиму тарбиявӣ, ташкилу роҳбарӣ ба фаъолиятҳои мусиқӣю бозиҳо ва инкишофёбии қобилияти эҷодию мусиқии кӯдакон мусоидат менамояд.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом дода шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 15.02.2024, №_10/4).

Дар хулосаи кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсия баҳои воқеӣ ва мусбат дода шудааст.

Диссертатсия ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мебошад.

2. Натиҷаҳои таҳқиқот талаботи илмӣ, хулосаву тавсияҳо бо омӯзиши ҳаматарафаи масъалаи гузоштašуда; амалисозии пайгиронаи асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, ҷанбаҳои ибтидоии он, истифодаи методҳои ба ҳадаф, вазифаҳо, фарзияи таҳқиқот мувофиқ; бо санҷидани натиҷаҳо, ҷорӣ намудани онҳо дар амалияи як қатор муассисаҳои таълимӣ; тасдиқи таҷрибавӣ-озмоишии дурустии хулосаҳои баровдарда; пойгоҳи кофии сарчашмаҳо таъмин мегардад.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ – бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ), аз ҷумла ба банди 1 – назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактадӣ ва банди 11 коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илми асосноки тарбия ва таълими кӯдакони мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ, ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқарраpoти диссертатсия дар 23 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Рамазонов Давлат Сулаймоновичро тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ – бозикунӣ» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: **МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”** таъин карда шавад.

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ:

Ба сифати муқарризони расмӣ: **Латифзода Диловар Назришоҳ** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ва **Қурбонова Гулрӯхон Абдуалимовна** - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе” таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи шурои диссертатсионии назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Негматов С.Э.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иззатова М.И.
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Ш.П.

28.02.2025

*Имзои Негматов С.Э., Иззатова М.И., Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.